«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, н.и.ф., дотсент Назар М.А.____________
«_05_»_феврали_______ соли 2023

**Хулосаи**

шуъбаи ҳуқуқи давлатии ИФСҲ-и ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ба таҳқиқоти диссертатсионии Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар мавзӯи «**Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси илмии 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии ИФСҲ-и ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ иҷро шудааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия (солҳои 2021-2022) Файзиев Спитамен Абдулҳақович унвонҷӯи шуъба буд ва зери роҳбарии сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ, д.и.ҳ. Зоир Ҷурахон Маҷидзода фаъолият кардааст. Дар айни замон Файзиев С.А. ба ҳайси Сардори шуъбаи тафтиши парвандаҳои нокушодаи солҳои пешини Раёсати тафтишотии ВКД ҶТ адои вазифа менамояд.

Мавзӯи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ аз «02» ноябри соли 2021 таҳти № 9 тасдиқ карда шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ тибқи нақшаи таълимии шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо баҳои хубу аъло супорида шудааст, ки онҳо дар шаҳодатномаи № 1043 аз 30 марти соли 2022 пешниҳод гардидаанд.

Диссертант муаллифи 4 мақолаҳои илмӣ (дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ) ва 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи муҳокимаи кори диссертасионӣ дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Сохтори рисола аз муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, замима, рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, хулоса ва пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд. Бартарии кори мазкур дар масъалагузории далелнок ва услуби баёни возеҳ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ**. Вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд.

Сатҳи демократияи дар ҳар як давлат на танҳо тавассути қонунан мустаҳкамгардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон, балки бо таъмини воқеии риояи онҳо муайян карда мешавад. Дахлнопазирии манзил институти байнисоҳавӣ мебошад, зеро он бо меъёрҳои қонунгузории конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, манзил ва мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда мешавад. Дар ин самт меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар таъмини дахлнопазирии манзил аҳамияти муҳим доранд.

Зарурияти танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахнопазирии манзил пеш аз ҳамма дар сирри оилавӣ будани ҳодисаҳое мебошад, ки дар дохили манзили шахс рух медиҳад, манзил ба рушди мутаносиби шахсият мусоидат мекунад, зеро он ба шахс имкон медиҳад, ки ниёзҳои маънавӣ ва моддии худро амалӣ созад, амнияти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, ҳуқуқи моликият ва сирри ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, сирри мукотибаи гуфтугӯҳои телефонӣ, почта ва дигар мукотиботи шахсияшро таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, объекти асосии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба дахлнопазирии манзил мебошад. Аммо сарфи назар аз мамнӯъияти мавҷудаи қонуни ҷиноятӣ, дар амал мушкилоти татбиқи қонуни ҷиноятӣ, ки ҳифзи дахлнопазирии манзилро таъмин менамояд мушкилиҳо ҷой доранд. Инро маълумотҳои омории расмӣ тасдиқ мекунанд.

Вазъи ҷиноятқорӣ ва натиҷаҳои таҳлили қонунгузории миллӣ дар самти мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил, зарурати густариши рушди илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, муайян кардани шаклҳои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, коркарди як қатор мафҳумҳои зарурӣ аз ҷумла истифодаи калимаи манзил, муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи қонуни ҷиноятиро дар ин самт тақозо менамояд.

Бо дарназардошти омилҳои қайдгардида меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ба такмили минбаъда эҳтиёҷ доранд. Дар умум ин омилҳо аз аҳамиятнокии мавзӯи тадқиқоти рисолаи номзадӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия дар амиқ кардани донишҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ бо назардошти хусусиятҳои низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муайян гузошта аст. Ҳамчунин, муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамзамон, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳоро дар замони муосири рушд ва таҳлили таркиби ҷиноятҳои баррасишавандаро тавсиф намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, пешниҳод гардидааст.

**Навгониҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуктаҳои назари олимон ва инчунин нуктаи назари шахсии муаллиф,

модели нави меъёрие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил (ғайриқонуни ворид шудан ба манзил) пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия инчунин зарурати муқаррар намудани ҳолатҳои иловагии вазнинкунанда барои ин ҷиноятҳо асоснок гардида, сохтори нави м. 147 КҶ ҶТ пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар КҶ ҶТ дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, чораҳои асосӣ барои пешгирии ҷиноятҳои мазкур таҳия гардидаанд.

Дар асоси ин, диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комплексие мебошад, ки ба таҳлили ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил ва масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт бахшида шудааст. Ғайр аз ин, нововарии илмии диссертатсия дар як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асосёфтаи муаллиф оид ба иваз ё илова кардани калимаи “манзил”, бандубасти ин ҷиноят бо дарназардошти воқеияти имрӯзаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд, ки баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон равона гардидаанд.

**Заминаи эмпирикии тадқиқоти диссертатсиони**-ро маводҳои тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ки дар судҳои Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, омори Суди Олии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ дар давраи аз соли 2010 то 2021 ташкил дода, зиёда аз 450 парвандаи ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил (м. 147 КҶ ҶТ) мавриди омӯзиш қарор гирифт.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия** дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаи баррасишаванда ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмӯи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил мусоидат намуда, барои тадқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд.

**Аҳамияти амалии** натиҷаҳои бадастомада дар он аст, ки онҳо метавонанд истифода шаванд:

- дар фаъолитяи қонунгузорӣ барои бо такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи ҶТ дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба дахлнопазирии манзил;
- дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тафтишотӣ – ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва бандубасти ҷиноятии вайронкунии дахлнопазирии манзил;
- барои бехтар намудани амалияи татбиқи муқаррароти м. 147 КҶ ҶТ аз тарафи мақомоти таҳқиқ, пешбурди тафтишоти, прокурор ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифи ҷинояти баррасишванда;
- зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, маҷмӯаи Фармонҳои Прокурори генералии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил аз ҷониби судҳо;
- дар раванди таълим ҳангоми омода намудани маводҳои дахлдори таълимию методӣ ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои, миёнаи махсус, олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад.

- дар соҳаи тадқиқот барои тадқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои мубрами ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дахлнопазирии манзил дар ҶТ

Ҳолатҳои консептуалӣ-илмии таҳқиқот метавонад аз тарафи мақомоти қонунгузори давлатӣ ва иҷроия дар такмил додани Конститутсия ва қонунҳои ҷорӣ, амалӣ намудани чорабиниҳои пешбинӣ намудаи Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои сиёсию ҳуқуқӣ истифода карда шавад.

**Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** 1.Таҳлили таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ гувоҳӣ медиҳад, ки он дар ҳудуди имрузаи Тоҷикистон аз замонҳои аввали давлатдории тоҷикон бо хусусиятҳои хоси худ ҷой дошт. Аммо ба шакли имрӯза ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи дахлнопазирии манзил бори аввал дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1931 сабт гардида буд. Меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки бевосита ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил пешбини менамуд бори авал соли 1961 ба кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ворид гардида буд. Эълони 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти ҶТ дар таърихи давлату халқи мо саҳифаи нав кушода, имкон дод, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онро бо мазмуни нав мутобиқи талаботҳои меъёрҳои байналмиллалӣ илова карда шаванд. Соли 1998 КҶ ҶТ қабул шуда дар м. 147 КҶ ҶТ мазмуни кирдоре, ки вайрон кардани дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсро ташкил медиҳад муайян гардид.

2. Асоси криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ин таъмини ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии манзил мебошад, ки дар м. 22 Конституцияи ҶТ, талаботи санадҳои байналмилалӣ оид ба зарурати ҳифзи ҷиноятии ҳуқуқии дахлнопазирии манзил мебошад. Инчунин, асоси маън намудани ин кирдори ҷиноятӣ тавассути таҳлили на танҳо асосҳои ҷинояткорӣ, балки қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил муайян карда мешавад.

3. Меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми давлатҳои аъзои ИДМ марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки бевосита ба чунин намуди ҷиноятҳо алоқамандӣ доранд ва ҳамон тавр номгузорӣ карда шудаанд (Кодексҳои ҷиноятии Беларус, Молдова, Казоқистон, Россия, Озарбойҷон, Арманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон). Лекин вобаста ба аломатҳои бандубастшаванда аз як дигар тафовут доранд.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки объекти бевоситаи моддаи 147 КҶ ҶТ чунин муайян карда шавад: “Муносибатҳо вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳаёти шахсӣ дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил”. Чунончи, дахлнопазирии манзил маънои онро дорад, ки дастрасии ҳама гуна шахсони бегона ба манзил танҳо бо ризоияти шахсони дар он истиқоматкунанда сурат мегирад ва дахлнопазирии манзил ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ алоқамандии зич дорад, ҳамзамон, яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Объекти иловагии воситаи таркиби бандубастшавандаи қисми 2 моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мӯътадили мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё давлатӣ ва саломатии инсон эътироф мегардад.

Бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ

аз қисми 1 моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ намудани ибораи “касеро аз манзилаш маҳрум кардан” мувофиқи мақсад мебошад. Зеро ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудан поймолкунии ҳуқуқи молумулкии шахс буда ба ҳуқуқи дахлнопазирии манзил робита надорад. Ғайриқонунӣ маҳрум кардани шахс аз манзил бо дарназардошти мазмун аз доираи объекти ҳифзи моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун мебарояд, зеро он на дахлнопазирии манзил, балки ҳуқуқи шахс ба моликиятро поймол мекунад. Бинобар ин, чунин кирдорҳо бояд бо дигар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда шавад. Диспозитсияи моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир дода, ба он ибораи “ғайриқонуни кучонидан ё маҷбуран аз манзил баровардан”-ро ворид намудан зарур аст, зеро ин муқаррарот ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии манзилро фаро мегирад, ғайр аз он, мувофиқи қонунгузории амалкунанда кучонидан ё маҷбуран аз манзил баровардани шаҳрванд танҳо бо қарори асосноки суд дар мавридҳои пешбининамудаи қонун сурат мегирад.

6. Зери мафҳуми “даромадан” ба манзил тибқи муқарраротн Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пинҳонӣ ё ошкоро ба манзили шахсии дигар ворид гаштан, ки бо рафъи монеаҳо ё муқовимати истиқоматкунандагони он ва ё бе чунин амалӣ гардидааст, инчунин, истифода бурдани дастгоҳҳо ё воситаҳои техникие, ки барои гирифтани маълумотро дар бораи ҳодисаҳое, ки дар он руй медиҳанд, равона шудаанд, фаҳмида шавад. Криминализатсия намудани будубоши ғайриқонунии шахс дар манзил бе розигӣ соҳибмулк ё рад кардани талаби соҳибмулк оид ба тарк намудани манзил, зарур мебошад. Тарк накардани манзил дар шакли беҳаракатӣ содир гардида, истиқомат-кунандагони қонунии манзилро аз имконияти мустақилона амалӣ намудани ҳаёти шахсияшон маҳрум месозад.

7. Манзил бояд ҳамчун биноҳои истиқоматии инфиродие фаҳмида шаванд, ки биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ ба он дохил карда шудаанд (долон, ошхона, ҳаммом, балкон), таххона ва болохона, веранда, биноҳои ёрирасон, биноҳои ёрирасони маишӣ, биноҳои истиқоматӣ, новобаста аз шакли моликият, ҳам ба фонди манзил дохиланд ва ҳам ба фонди манзил дохил карда нашуда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ ё мутобиқ карда шудаанд, инчунин дигар бино ё иншооте, ки дар шафати манзил ва қисми таркибии он буда, барои истиқомати муваққатӣ таъин, мувофиқ ё мутобиқ карда шудаанд, аз ҷумла хайма, мошин барои истиқомат муҷаҳазгардида, утоқи алоҳида дар беморхона, каппаи шикор, хонаи (бино, хайма, каппа) дар боғ буда, гаражи шахсӣ барои зиндаги омодакардашуда, купе (вагон) дар қатора, кабина, кабинет бо ҳуҷраи хоб, ҳуҷраҳо дар меҳмонхона, осоишгоҳ, хонаи истироҳат сарфи назар аз ҷои истиқомати воқеӣ, инчунин, ҷои истиқомати муваққатӣ. Истилоҳи “манзил” дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маънои маҳдуд шарҳ дода шудааст. Бинобар ин, дар моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаи “манзил”-ро ба мафҳуми вассеи он калимаи “истиқоматгоҳ” иваз кардан лозим мебошад ё пас аз навиштани калимаи “манзил” дар қавс калимаи “истиқоматгоҳ” навишта шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илм пазируфташуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок мегардад. Хулоса фарогири натиҷаҳои мухтасари асосии илмии таҳқиқот иборат буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

**Мутобиқатии диссертатсия ба ихтисос**. Диссертатсияи таҳиянамудаи Файзиев С.А. дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» тадқиқоти илмӣ дар соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, дар он таҳлили таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми давлатҳои аъзои ИДМ марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил, хусусан давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳлили вазъи ҷиноятии вайрон намудани дахлнопазирии манзил ба сомон расонида шудааст, ки ба ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат менамояд.

**Тасвиби натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ**. Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ бо иштироки намояндагони шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи ИФСҲ АМИТ муҳокима ва маъқул дониста шудааст.

Натиҷаҳои асосии илмии бадастовардашуда дар ҷараёни таҳия намудани рисолаи мазкур дар 4-мақолаи илмии маҷалаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ интишор карда шудааст.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърӯзаҳо пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар санади тасвибии Комиссияи илмӣ-амалии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ "Оид ба ворид намудани натиҷаҳои илмӣ-тадқиқотии мавзӯи диссертатсионӣ ҷиҳати истифода бурдани он дар фаъолияти қонунгузории кӯмитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 01.06.2021. Инчунин дар Конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои зерин дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аз ҷумла: Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ дар мавзӯи «Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар ҶТ». – Душанбе, 2016; байналмилалии «Масоили мубрами ислоҳоти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 27-уми ноябри соли 2015); «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар давраи муосири инкишофи низоми давлатӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 29-уми апрели соли 2016); «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва проблемаҳо» (ш. Душанбе, 26-уми майи соли 2016); «Таҳлили даврии ислоҳоти милитсия: назария ва дурнамои он» (ш. Душанбе, 10-уми июни соли 2016); «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва давлат дар асри XXI» (ш. Уфа, 20-21-уми апрели соли 2017); «Форуми IV миллӣ оид ба волоияти қонун» (ш. Душанбе, 2-юми ноябри соли 2018); «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва дурнамо» (ш. Душанбе, 1 майи соли 2019). Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-умин солгарди қабули Конститусияи Тоҷикистон. – Душанбе соли 2019; Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи "Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Роҳҳо ва натиҷаҳои он". – Душанбе, 2019; Конфересияи

Ҷумҳуривии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он». – Душанбе, 2020; Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон дар мавзӯи "Ҳуқуи инсон дар ҷаҳони муосир консепсияҳо, вокеият ва дурнамо". – Душанбе, 2021 ва дигарҳо, ба муҳокимаи аҳли илм ва таҳқиқотчиён пешниҳод карда шудааст.

Рисолаи мазкур ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсияи Файзиев С.А. дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08-ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин ба Номгӯи ихтисосҳои дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/3 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Шумораи мақолаҳои дар нашриёт батабърасида ба бандҳои 34-35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи банди 25 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дарки ботинӣ, натиҷаҳои нави илмӣ ва пешниҳодро дорад, ки барои ҳимояи оммавӣ пешниҳод мегардад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

Хулосаи илмӣ дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ бо иштироки намояндагони бахши ҳуқуқи ҷиноятӣ ва шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи ИФСҲ АМИТ қабул карда шудааст ва баҳои ҳаматарафаи мақсаднок дар таҳқиқи диссертатсиониро тасдиқ менамояд.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 11 нафар, "бетараф" – 0, "муқобил" – 0, суратмаҷлиси № 2, аз 27 январи соли 2023.

**Раиси ҷаласа, мудири**
**шуъбаи ҳуқуқи давлатии ИФСҲ АМИТ**
**доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,** **Иброҳимов С.И**

**Котиби ҷаласа, лаборанти калон,**
**ходими хурди илмии шуъба** **Саидзода М.Ё.**

**Имзои Иброҳимов С.И. ва**
**Саидзода М.Ё.-ро тасдиқ мекунам:**
**Нозири калони ШК ИФСҲ АМИТ** **Шозедов Х.Н.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ